*ХУЛОСАИ*

*Комиссияи ташхиси аввалаи рисолаи илмии Абдураҳимова Мавзуна Мухсиновна «Хусусиятхои геологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ) барои дарёфти дараҷаи олимӣ - номзади илмҳои география*

Барои ташхиси аввалаи рисола аз ҷониби Шурои диссертационии назди факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон комиссияи ташхисӣ дар ҳайати: Валиев Шариф Файзуллоевич- доктори илмҳои геологияю минералогия, профессор, Алидодов Бахшидод Алидодович-номзади илмҳои геологияю минералогия, дотсент, Исрофилова Хурсаной Болтаевна- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент таьсис дода шуд. Комиссия қайд менамояд, ки рисолаи мазкур дар Шурои диссертатсионии Д 999.087.03 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ҳимоя гардида буд.

Бинобар сабаби номувофиқ будани самти илмии рисола аз рӯйи ихтисоси 25.00.24-Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дар асоси Қарори Президиуми Комиссияи олии атестатсионии назди Вазорати маориф ва илми ФР (инчунин –президиуми КОА) 11-уми октябри соли 2019, дастури №23 аз Вазорати маориф ва илми ФР ҷиҳати бекор кардани қарори Шурои диссертатсионии Д 999.087.03-ро қабул намуд.

Дар асоси дастури президиуми КОА ФР аз 24-уми октябри соли 2019 Вазорати маориф ва илми ФР фармони №1033/нк-ро «Ҷиҳати бекор кардани қарори Шурои диссертатсионӣ доир ба ҳимояи рисолаҳо барои унвони номзади олимӣ ва инчунин рад кардани додани дипломи номзади олимиро қабул намуд.

Инчунин, дар асоси қарори мазкур ва банди 51 низомномаи КОА ФР Абдураҳимова Мавзуна Мухсиновна диссертатсияи номзадиашро мувофиқ ба самти ихтисоси ҳимояшаванда барои ҳимояи такрорӣ пешниҳод намуда метавонад.

Мавқеи геологию географии Тоҷикистон барои зоҳиршавии хатарҳои геодинамикии экзогению эндогении ногаҳонии маҳаллию минтақавӣ хос буда, бо сарзании ҳодисаҳои фаъоли геологию сейсмикӣ, метеорологӣ, геофизикӣ ва дигарҳо робитаи ногусастанӣ дорад. Гарчанде оид ба ҷараёнҳои экзогеодинамикӣ таҳқиқотҳои зиёд ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, усулҳои нави самарабахшу аз нуқтаи назари илмию иқтисодӣ асоснок кардашуда, бахри омӯзишу пешгирии офатҳои табиӣ дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд.

Бояд қайд кард, ки таъсири манфии фалокатҳои геодинамикӣ ба системаи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон хеле калон аст. Вақтҳои охир хавфҳои экзогеодинамикию эндогеодинамикӣ дар ҳудуди Тоҷикистон боз ҳам афзун шуда истодааид, ки барои иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар таъсири калони манфӣ мерасонанд.

Аз гуфтаҳи боло бармеояд, ки мавзӯю мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи рисола саривақтию замонавӣ буда , барои рушду нумӯи иқтисодиёту иҷтимоиёти Тоҷикистон, паст ва ё кам кардану пешгириҳои хатарҳои геодинамикӣ аҳамияти калон доранд.

Мақсади асосии рисола муайянкунии сабабҳои пайдоиш, паҳншавӣ ва инкишофи хатарҳои офатҳои табиӣ, ҳудудҳои асосии фалокатҳои селию арҷӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ, омӯзиши асосҳои илмии ташкили системаи ҳимояи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар ҳудудҳои кӯҳию доманакуҳӣ мебошад.

Дар доираи мақсади кор аз ҷониби муаллиф вазифаҳои асосии зерин гузошта шудаанд:

- баҳогузорӣ ба хатарҳои геодинамикии муосири алоқаманд бо ҷараёнҳои экзогеодинамикӣ;

-таҳлили робитаҳои мутақобилаи дигаргуниҳои ҷиддии харобиовари ҳодисаҳои табиӣ, нишондиҳии самтҳои асосӣ оид ба идоракунӣ ва пешгирии таназзули ҳудудҳо;

-коркарди консепсия ва нишондодҳои оморӣ барои таҳқиқотҳо, пешниҳоди роҳу усулҳои баҳодиҳии бевоситаи оқибатҳои иқтисодӣ;

-баҳодиҳии ҳолати муосири хавфҳои геодинамикӣ дар шароити афзоиши офатҳои табиӣ;

-муайянкунии бузургии (параметри) маҳаллию регионалии хавфноки пайдоиши хатари фурӯғалтии ярч ва лағжиш;

-тартибдиҳии феҳрасти оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҳодисаҳои фалокатовари табиӣ дар вилояти Суғд.

Доира ва мавзуи таҳқиқот ба банди шиносномаи (паспорти) номгӯи ихтисосҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 25.00.36-геоэкология (илмҳои географӣ) мувофиқ аст.

Асоси методологии корро усулҳои анъанавии геоэкологии мушоҳидаҳо ташкил кардаанд: ба мисли оморӣ, саҳроӣ, ноҳиябандӣ, баҳодиҳии баллӣ дар якҷоягӣ бо умумигардонии маводи фондию чопӣ. Манбаи асосии мавод аз фонди бойгонии Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотномаҳо ва бюллетени ахбордиҳӣ оид ба ҷараёнҳои геодинамикӣ, инчунин, манбаъҳо оид ба ҳодисаҳои хатарноки табиӣ дар ҳудуди Вилояти Суғд ва дар маҷмуъ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Рисола аз пешгуфтор ва се боб иборат буда, дар матни компютерӣ иборат аз 192 саҳифа , аз он ҷумла 137 номгӯи манбаъҳои истифодашуда баён карда шудааст. Ҳар як боб бо расму ҷадвалҳои лозимӣ таъмин гардонида шудааст.

Дар пешгуфтори рисола моҳияти мавзуъ, дараҷаи таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва роҳу усулҳои кор, натиҷаҳои асосӣ, амалӣ ва иқтисодӣ, бандҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи рисола, истифодаи амалии натиҷаҳои рисола тибқи талабот баён карда шудаанд.

Дар боби аввали рисола «Асосҳои назариявии шаклёбии ҷараёнҳои табиӣ» хусусиятҳои хоси пайдоиши ҷараёнҳои табиӣ, марҳилаҳои муосири инкишофи ҳодисаҳои геодинамикӣ, омилҳои инкишофи ҷараёнҳои лағжишию фурӯғалтӣ муайян карда шуда, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ҳамчун сабабгори асосии хатарҳои геодинамикӣ зуҳуроти фаъоли ҳодисаҳои географӣ, геофизикӣ, сейсмикӣ, метеорологӣ ба тарзи муфассалу асоснок дарҷ гардидаанд.

Дар боби дуюми рисола «Ҳолати муосири инкишофи ҳодисаҳои эндогению экзогенӣ» ҳудудҳои фаъоли сейсмикӣ ва оқибатҳои хатарноки ҷараёнҳои ноустувор, хатарнокии фаъоли геодинамикӣ ва системаи ченкунии ҳаракати сатҳи нишебиҳо муфассал омӯхта шуда шарҳ дода шудааст. Алалхусус, нишон дода шудааст, ки фалокатовариҳои геодинамикӣ ба ҳолати ғайриоддии табиӣ мансуб буда, бо нерӯи озодкардашудаи унсурҳои табиат алоқамандии ногусастанӣ доранд, ки ба онҳо зилзилаҳо, оташфишонии вулқонҳо, лағжишҳо, фурӯравиҳо, тармаҳо, обхезиҳо, боришотҳои шадид, селҳо, сиклонҳо ва дигар ҳодисаҳои эндогению экзогенӣ дохил мешаванд.

Аз руйи мушоҳидаҳои гузаронидашуда нишон дода шудааст, ки шиддатнокии хавфҳои фалокатовар ва таъсири манфии онҳо асосан дар замони муосир афзоиши бештар доранд, вале дар ин ҷо хуб мешуд агар сабабҳои асосии ин ҳолат аз ҷониби муаллифи рисола муайян ва асоснок карда шуда нишон дода мешуд ба фоидаи кор мебуд. Инчунин, мебоист дар ин боб ба зуҳуротҳои сейсмикӣ, даврнокии сарзанӣ ва алоқамандии онҳо бо равандҳои экзогеодинамикӣ аҳамияти бештару лозимӣ дода мешуд, чунки аксаран онҳо дар алоқамандии мутақобила мебошанд. Бисёрии хавфҳои экзогенӣ хислати техногенӣ дошта, дар шароити геологии паҳншавии ҷинсҳои лессӣ дар водиҳои Тоҷикистон ба амал меоянд, вале ба ингуна хавфҳо дар рисола, мутаассифона, эътибори лозимӣ дода нашудааст; масалан, фалокатҳои ярчию селӣ дар маҳаллаи Шарораи Ҳисор, минтақаҳои Хатлону Файзобод ва дигарҳо рух дода, ки

боиси харобиҳои калон, зарарҳои иқтисодӣ ва талафоти ҷонии зиёд низ гардида буданд.

Дар боби сеюми рисола асосҳои географии таҳқиқоти офатҳои табиӣ ва оқибатҳои онҳо мавриди таҳлилу баён қарор дода шудаанд. Алалхусус, дар ин боб фалокатовариҳои селию тармафуроиҳо, хусусиятҳои инкишофи ҳодисаҳои табиии метеорологӣ, ташкили системаи ҳимояи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон ба таври васеъ ва муфассал омӯхта шуда нишон дода шудааст. Дар доираи таҳқиқот маълумотҳо аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқуллодаи хислати табиию техногенӣ дошта» бамаврид ва мақсаднок истифода бурда шудаанд.

Баъди ҳар як боби рисола хулосаҳои таҳқиқотҳо оварда шудаанд, ки дар онҳо натиҷаҳоюи пешниҳодҳои асосӣ дар самтҳои ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои геоденамикӣ, пешгуйиҳои имкониятҳои пайдоиши офатҳои табиӣ, инчунин, ҳолатҳои фалокатовариҳои геодинамикии муосир, системаи огоҳонию пешгириҳо ва чораҳо оид ба паст кардани хатарҳои гуногуни табиӣ ба тариқи асоснок оварда шудааст.

Масъалаҳои таҳқиқу баррасӣ гардонидашуда дар рисола, вобаста ба аз худкунии ҳудудҳои кӯҳӣ ва инкишофи устувори онҳо, алалхусус дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон, мубраму замонавӣ мебошанд.

Дар умум бояд қайд кард, ки камбудию норасоиҳои ҷойдошта муҳиммияту аҳамияти натиҷаҳои дар рисола ба даст даровардашударо дақиқан коҳиш нахоҳанд дод. Мақсаду вазифаҳои гузошташуда асосан иҷро гардидаанд, аҳамияти назариявию амалии рисола бе баҳс ва калон аст. Мазмуну мӯҳтавои рисола бо пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ дар 24 номгуйи мақолаҳою баррасиҳои илмӣ дар конфронсҳою симпозиумҳо, аз он ҷумла 12 номгӯйи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуда ба табъ расонида шудаанд. Ҳамчун яке аз аввалин рисола ба забони тоҷикӣ баъзе қисматҳои он аз камбудиҳои грамматикӣ орӣ нестанд, вале онҳо дар маҷмӯъ осон ислоҳшаванда мебошанд.

Дар умум рисолаи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна «Хусусиятҳои геоэкологии ҷараенҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи олимӣ- номзади илмҳои география аз руйи ихтисоси 25.00.36- геоэкология пешниҳод кардан мумкин аст.

Декани факултети геология, доктори
илмҳои геологияю минералогия,
профессор Ш.Ф.Валиев

Дотсенти кафедраи минералогия ва
петрография, номзади илмҳои
геологияю минералогия Б.А. Алидодов

Дотсенти кафедраи геология
ва менеҷменти маъдану техника,
номзади илмҳои иқтисодӣ Х.Б. Исрофилова

Имзои Ш.Ф. Валиев, Б.А. Алидодов
ва Х.Б. Исрофиловаро тасдиқ мекунам:
ардори РК ва ҚМ-и ДМТ Э.Ш. Тавқиев